*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №98 (2925) | ЧОРШАНБЕ, 1 АВГУСТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Мулоқот бо сафирони як қатор давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ

**27 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сафирони кишварҳои Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо, кордори муваққатии Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кордори муваққатии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупоро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот доир ба вазъи кунунии шаҳри Хоруғ ва роҳҳои ҳалли қазияи бамиёномада гуфтугӯ сурат гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо далелҳои қотеъ изҳор дошт, ки ҳадафи амалиёти махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастгир намудан ва ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси ҷиноятпеша, пеш аз ҳама, қотилони сардори Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Назаров мебошад.

Дар ин робита ахбори муфассали прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерхон Салимзода ва директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Назаров шунида шуд.

Дар мавриди амалиёти махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Хоруғ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор дошт: «Тамоми чораҳо андешида мешаванд, то ки гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ силоҳ бар замин гузоранд ва ба қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ итоат намоянд».

Дипломатҳои кишварҳои хориҷӣ дар навбати худ изҳор доштанд, ки онҳо зарурати гузаронидани амалиёти зидди гурӯҳҳои ҷиноятиро хуб мефаҳманд ва изҳори умед карданд, ки амну оромии аҳолии осоишта таъмин карда хоҳад шуд ва тафтишоти аъмоли нафарони дастгиршуда мунсифона ва бо риояи қонунҳои миллию байналмилалӣ сурат мегирад.

***www.prezident.tj***

## Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон





**30 июли соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлиси навбатии Ҳукумати кишвар нахуст Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 баррасӣ шуд. Мутобиқи ин санад Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ барои се соли оянда мутаносибан дар ҳаҷми 42,1 миллиард, 48,2 миллиард ва 54,7 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Суръати рушди иқтисодӣ дар соли 2013 ба андозаи 7,4 ва ду соли дигар 7,5 фоиз бояд таъмин гардад. Қурби асъори миллӣ бошад, дар се соли оянда дар доираи 4,90, 4,94 ва 4 сомонию 99 дирам ба як доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст. Сипас, ба муҳокимаи Ҳукумати кишвар лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи нав пешниҳод гардид. Тавре зикр гардид, шумораи андозҳо дар лоиҳаи нав 10 адад муқаррар шудааст, ки нисбат ба Кодекси амалкунанда 11 адад кам мебошад. Дар лоиҳаи Кодекси нави андоз расмиёти андозбандӣ ва ҳисоботдиҳӣ хеле соддаю шаффоф пешбинӣ шудааст ва ҳадафи асосии он баланд бардоштани адолатнокию самарабахшӣ, сабук намудани бори андозҳо ва тавассути зиёд кардани шумораи андозсупорандагон ғанӣ гардондани буҷети давлат аст. Кодекси нави андоз тибқи нақша аз 1 январи соли 2013 сар карда, то соли 2017 бояд зина ба зина пурра мавриди амал қарор дода шавад.

Ҳамчунин дар маҷлис як зумра барномаҳои нави давлатӣ тасдиқ карда шуданд. Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017, Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди биотехнологияи чорво барои солҳои 2013-2017 ва Барномаи беҳгардонии ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии қаъри замин дар солҳои 2012-2015 аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 40 гектар замин барои тақсимоти қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба 272 оилаи ниёзманд ва 76 гектар барои 758 оила дар ноҳияи Ванҷи ҳамин вилоят ҷудо карда шуд. Тавре зикр гардид, давоми соли равон барои мардуми ҳамаи шаҳру ноҳияҳои дигари Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қитъаҳои замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо шуда буд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон, директори Агентии захираҳои моддии давлатӣ Нурмаҳмад Ахмедов, раиси Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Сироҷиддин Валиев ва дигар шахсони масъул доир ба таъмини фаровонию эътидол дар тамоми бозорҳои кишвар, хусусан дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба қадри кофӣ захира кардани маводи ғизоӣ, сӯзишворӣ ва хӯроки чорво барои зимистон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

***www.prezident.tj***

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Шамсов Н. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шамсов Нуриддин Тоҷиддинович ба сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Австрия, Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Европа ва созмонҳои дигари байналхалқӣ (Вена, Австрия) озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 23 июли соли 2012 № 1303**

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка таъин намудани Шамсов Н. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шамсов Нуриддин Тоҷиддинович Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 23 июли соли 2012 № 1304**

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея таъин намудани Бобозода Ғ. Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Япония Бобозода Ғуломҷон Ҷӯра ҳамзамон Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 26 июли соли 2012 № 1305**

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Европа ва созмонҳои дигари байналхалқӣ (Вена, Австрия) таъин намудани Насрединов И. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Насрединов Исматулло Ҳикматуллоевич Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Европа ва созмонҳои дигари байналхалқӣ (Вена, Австрия) таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 28 июли соли 2012 № 1306**

## ИЗҲОРОТИ

## Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Тавре маълум аст, рӯзи 21 уми моҳи июли соли ҷорӣ аз тарафи гурӯҳи муташаккили ҷиноии Аёмбеков Толиб сардори Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ генерал - майор Назаров Абдулло Сайдуллоевич ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ба таври ваҳшиёна кушта шуд. Гурӯҳи ҷиноятсодиркарда ба ҷойи иштирок дар тафтишоти қонунии ин ҳодиса дастаи мусаллаҳ ташкил намуда, вазъиятро дар шаҳри Хоруғ муташанниҷ гардониданд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо роҳбарии раиси вилоят бо мақсади мӯътадил нигоҳ доштани вазъи таъмини амнияти аҳолии шаҳр ва барои ба таври осоишта ва дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал намудани масъалаи мазкур бо истиқоматкунандагони шаҳри Хоруғ, аз ҷумла раисони маҳаллаҳо, фаъолони шаҳри Хоруғ, хешу наздикони гурӯҳи зикргардида силсилавохӯрию мулоқотҳо баргузор намуданд.

Вале ба ҳамаи ин саъю талошҳо нигоҳ накарда, роҳбари гурӯҳи мазкур бо ҳиллаю найранг теъдоди силоҳбадастонро дар атрофи худ ҷамъ карда, ба тафтиши ҷиноят, пойдории сохти конститутсионӣ ва аз ҳама муҳимаш ба низоми давлат ва ҳаёти осоиштаи мардум таҳдиди ҷиддӣ ворид намуд.

Дар натиҷаи амалиёти сохторҳои қудратӣ 18 нафар ба ҳалокат расид, ки ду нафарашон аз байни аҳолии осоишта мебошанд. Ду бинои шахсӣ низ зарар дидааст.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, гурӯҳи Аёмбеков Толиб то ба ҳамин рӯз муқовиматро давом дода истодааст. Бо мақсади пешгирӣ ва гуфтушунид бо гурӯҳҳои силоҳбадаст, гирифтани пеши роҳи амалиёти низомӣ ва зиёд нашудани талафоти ҷонӣ аз ҳисоби шахсиятҳои баруманди диёр, солимфикрон ва онҳое, ки ҳисси баланди ватандорӣ ва худшиносӣ доранд, гурӯҳи босалоҳият ташкил карда шуд. Гурӯҳи кории босалоҳият бо миёнравии раиси вилоят то имрӯз байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро пеш бурда, бо роҳбарияти сохторҳои қудратӣ вохӯрӣ ташкил намуд.

Ҳамчунин бо пешниҳоди гурӯҳ аз тарафи сохторҳои низомӣ баъзе гузаштҳо шуда бошанд ҳам, гурӯҳҳои номбурда то ҳанӯз барои ҳалли мусолиҳатомези масъала кӯшиш накарда истодаанд.

Сарфи назар аз эълон шудани оташбас натанҳо аз ҷониби силоҳбадастони ҷиноятпеша сангарҳо бардошта нашуданд ва рафтуои озод дар роҳҳои дохили шаҳр барқарор нагардид, балки баръакс, онҳо монеаҳои сунъӣ эҷод карда, ҳаёти осоиштаи мардуми Бадахшонро беш аз пеш халалдор сохтанӣ шуда, мардумро ба гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ даъват намуданд.

Ба ҳолати имрӯза дар мавзеи Танги ноҳияи Шуғнон зиёда аз 70 адад мошинҳои боркаш, аз ҷумла бо маводи озуқаворӣ банд шудааст. Бо ин роҳ силоҳбадастон ба таъминоти амнияти озуқаворӣ ва воридшавии молҳо ба бозори дохилии шаҳри Хоруғ мушкилиҳо эҷод карда истодаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба тамоми шаҳрвандони шаҳри Хоруғ ва мардуми солимфикри диёр муроҷиат намуда, таъкид менамояд, ки Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати ҳаёти осоиштаи мардуми Бадахшон, минҷумла сокинони шаҳри Хоруғ таваҷҷуҳи хоса доранд ва аз сокинони шаҳр хоҳиш ба амал меоранд, ки дар таҳкими сулҳу ваҳдат ва якпорчагии ватани азизамон саҳми арзандаи хешро гузоранд. Ин суханҳо аз гуфтугӯйи телефонии Сарвари давлат бо раиси вилоят ва ҷаласаи ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд.

Бояд тазаккур дод, ки иқтисоди вилоят то 74 фоиз аз буҷети ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад ва эҷоди бесуботию ноамнӣ ба сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар халали ҷиддӣ ворид месозад.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, аз ҳар як сокини солимфикри вилоят хоҳиш ба амал меорем, ки ба овозаю дасисабозиҳои беасос бовар накарда, фиребтаи суханони дурӯғини ашхоси алоҳида нагарданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки дастгир намудани ҷинояткорони ашаддӣ, халъи силоҳи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии шаҳри Хоруғ ягона шарти асосии пойдории сулҳу суботи вилоят аст. Ин талаботи қатъии риояи қонун ва низоми давлатдорист. Мақсади асосии оташбас ҳам аз ҳамин иборат мебошад.

Дар моҳи муборaки Рамазон бори дигар даъват менамоем, ки дар оромии ҷомеа ва сулҳу субот саҳмгузор бошед.

Барои равшанӣ андохтан ба вазъи мавҷуда дар назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят телефони «Боварӣ» бо рақамҳои 93-600-03-21, 93-512-63-55 мунтазам фаъолият менамояд.

***Маркази матбуоти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон***

## МУРОҶИАТНОМАИ

## Аълоҳазрат Оғохони IV ба ҷамоат дар робита ба воқеаҳои шаҳри Хоруғ

Шӯрои миллӣ ба таваҷҷуҳи аҳли ҷамоат мерасонад, ки рӯйдодҳои охири амниятӣ дар шаҳри Хоруғ аз тарафи мақомоти ҳукуматӣ бар зидди унсурҳои ҷинояткор равона шуда, хилофи манфиати ҷамоат нест. Аз ин лиҳоз, ба аҳли ҷамоат дар Бадахшон ва тамоми Тоҷикистон эҳтиромона муроҷиат карда мешавад, ки оромиву суботро нигоҳ доранд. Мувофиқи тавсияву ҳидоятҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки масъулияти амнияти шаҳрвандонро бар дӯш доранд, амал намоянд.

Мо мушкилоти шуморо дар робита ба вазъи оилаҳо, хешовандон ва аҳли хонаводаҳоятон дарк мекунем. Бо вуҷуди ин, аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки ба ин қазия масъулона бархӯрд намуда, ба амалҳое, аз қабили баҳсҳои зараровар ва фитнаангез дар шабакаи Интернет, пахш ва паҳн намудани ҳар гуна овозаҳои бардурӯғ, гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ иштирок намоед. Бисёр муҳим аст, ки дар ин лаҳзаи ҳассос аҳли ҷамоат аз ташкили ҳар гуна бетартибиҳо, ҷамъомадҳо ва зӯроварӣ ба таври ҷиддӣ канора гиранд.

Шӯрои миллӣ дар ҳолати зарурӣ якҷоя бо АКДН (шабакаи рушди Оғохон) барои арзёбӣ ва баҳогузории вазъият дар шаҳри Хоруғ бо ашхоси масъул дар робита буда, тадбирҳои муфид хоҳад андешид.

***АМИТ «Ховар»***

## Халъи силоҳ дар Хоруғ

Тавре қаблан иттилоъ дода шуд, имрӯз вазъ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ комилан орому осуда буда, мардум ба ҳаёти осоишта ва кору зиндагии доимии хеш машғул мебошанд. Хушбахтона бо ҳидояту роҳнамоии як зумра занону модарон, пешвоён ва аҳли зиё, зумраи алоҳидаи ҷавонони кӯтоҳандеше, ки бо дасисаву ҷалби нафарони ҷиноятпеша ба даст силоҳ гирифта буданд, ихтиёран онро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорида, худро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намуданд.

Тавре сомонаи расмии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, 30 июл дар натиҷаи бурдани чунин корҳои фаҳмондадиҳӣ аз аҳолии ин минтақа миқдори махсусан калони яроқу лавозимоти ҷангӣ, бахусус даҳҳо мил автомати «Калашников», пулемёт, норинҷакҳо, гранатомёт, снарядҳо,тӯп, сару либоси ҳарбӣ, тирҳои гуногунтамға ва дигар яроқҳои вазнини ҷангиву лавозимоти ҳарбӣ, инчунин маводи доруворӣ, ки ҳангоми ҷароҳат бардоштан истифода карда мешавад, гирифта шуданд.

Вобаста ба ин аз ҳама шаҳрвандон ва бахусус ҷавонони бонанги шаҳри Хоруғ, ки бо роҳи фиребу нодуруст ба дасти онҳо яроқ додаанд, хоҳиш ва талаб карда мешавад, ки онро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоранд ва бори дигар такрор менамоем, ки ихтиёран супоридани он кафили оромӣ дар ин минтақаи дурдасти кишварамон ва боиси аз ҷавобгарӣ озод гардидани шахси супоранда мегардад.

***АМИТ «Ховар»***

# Ҷинояткорон дар назди қонун ҷавоб хоҳанд гуфт

Тавре қаблан иттилоъ дода шуда буд, рӯзи 21 июли соли 2012 дар маҳаллаи Ниводаки шаҳри Хоруғ гурӯҳи муташаккили ҷиноятпешаи силоҳбадаст иборат аз 15-20 нафар, ки ба гурӯҳи ҷинояткори Аёмбеков Толиббек Абдураҳмонович шомил буданд, ба автомашинаи хизматии сардори Раёсати КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Назаров Абдулло Сайдуллоевич ҳуҷум намуда, бо истифода аз яроқи сард бо расонидани ҷароҳатҳои зиёд дар қисми косахонаи сар ва қафаси сина Абдулло Назаровро ваҳшиёна ба қатл расониданд. Дигар кормандони Раёсати КДАМ О.И.Аюбов, С.Х. Раҷабов, И.С.Ҳусейнов ва ронанда Ш.Давлатбековро латукӯб карда, се адад яроқи оташфишон, як адад автомати тамғаи АКС-74 ва ду адад таппончаи тамғаи Макаров ва чизу чораи А.С.Назаровро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб заданд.

Тибқи маълумотномаи Маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳодисаи баамаломада аз ҷониби прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо аломатҳои моддаҳои 104, қисми 2, бандҳои «б,е,и,л» (одамкушӣ вобаста ба фаъолияти хизматӣ, бо бераҳмии махсус марбут ба роҳзанӣ ва бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар), 199 қисми 4 бандҳои «а,б» (тасарруфи яроқ ва лавозимоти ҷангӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст), 328 қисми 2 (истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Тавре тафтиш муайян намудааст, Толиббек Аёмбеков ва Маҳмадбоқир Маҳмадбоқиров солҳои 1996-1997, баъди ҷанги шаҳрвандӣ, ба сохторҳои қудратии ҳукуматӣ шомил гашта бошанд ҳам, силоҳҳои оташфишони худро пурра ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ насупорида, гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ташкилнамудаи худро пинҳонӣ нигоҳ медоштаанд. Гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ таъсисдодаи Имомназар Имомназаров ва Ёдгор Маҳмадасламов низ пинҳонӣ ва ошкоро фаъолият намуда, ба ҳаёти осоиштаи аҳолӣ халал ворид менамуданд.

Ин чор гурӯҳи муташаккили ҷинояткор дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз ҷумлаи одамкушӣ, бандитизм, расондани зарари ҷисмонӣ, бетартибиҳои оммавӣ ва ғайра даст доранд.

Мувофиқи маълумоти фаврӣ онҳо инчунин ба муомилот ва қочоқи маводи мухаддир, сангҳои қиматбаҳо ва хариду фурӯши одамон низ машғул буда, алоқамандони чунин ҷиноятҳоро пуштибонӣ мекарданд.

Инчунин онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ муқовимати мусаллаҳона нишон дода, ба фаъолияти мӯътадили онҳо халал мерасонданд.

Ба таври ваҳшиёна қатл шудани генерал Абдулло Назаров низ бо чунин мақсад содир шудааст. Чунончӣ, аввали моҳи июни соли 2012 шаҳрванд Р.Нодиров бо автомашинаи тамғаи «КамАЗ» (рақами давлатиаш 01-63 AMOI) 20 қуттӣ нӯшокиҳои спиртиро ба шаҳри Хоруғ бурда, ба фурӯшандаи мағозаи назди корхонаи истеҳсоли нон месупорад.

Баъдан рӯзи 5 июн бо мошинаш вориди дидбонгоҳи сарҳадии Ишкошим мешавад. Ин ҷо ба мошини шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо номи Насим ва ҳамроҳонаш 539 қутти сигарети тамғаи PENI, ки 674850 сомонӣ қимат дошт, бор мекунанд. Дар шаҳри Кӯлоб мошин аз ҷониби кормандони Раёсати КДАМ дар минтақаи Кӯлоб дастгир карда мешавад ва дар робита ба ин амал бо моддаи 289 (қочоқи маҳсулоти тамоку) парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад.

Дар ҷараёни тафтиш муайян мегардад, ки бори мазкур ба Толиббек Аёмбеков тааллуқ доштa, мувофиқи маълумоти фаврии пешниҳоднамудаи Раёсати КДАМ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дастгир шудааст.

Бо ин сабаб миёни Абдулло Назаров ва Толиббек Аёмбеков муноқиша ба амал меояд. Баъд бо супориши ӯ гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ ташкилдодааш генерал Абдулло Назаровро ваҳшиёна ба қатл мерасонанд.

Барои пешбурди тафтишот аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи тафтишотӣ таҳти роҳбарии муовини прокурори генералӣ- сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Н.Саидов ташкил дода, 22 июли соли 2012 ба шаҳри Хоруғ фиристода мешавад.

Толиббек Аёмбеков ва ҳаммаслакони ӯ аз иҷрои талаби мақомоти тафтишотӣ оид ба ҳозир шудан ва ҷавоб гуфтан дар назди қонун қатъиян саркашӣ менамоянд.

Кӯшишҳои зиёди комиссияи ҳукуматӣ низ ҷиҳати ба замин гузоштани силоҳ ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супурдани ҷинояткорон бе натиҷа анҷом ёфт.

Онҳо на танҳо ин пешниҳодҳоро рад намуданд, балки бо гурӯҳи мусаллаҳи худ муқовимати мусаллаҳонаро оғоз карданд. Бинобар ин, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва амният барои дастгир кардани ҷинояткорон ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо субҳи 24 июл амалиёти махсус доир гардид.

Толиббек Аёмбеков бо ҳаммаслакон ва зархаридони хориҷиашон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муқобилияти мусаллаҳона нишон доданд. Онҳо шартномаи оташбасро, ки аз 24 июл эълон шудааст, вайрон намуда, ба РКД вилоят ва қароргоҳи кормандони ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, шаби 27 июл ҳуҷуми мусаллаҳона карданд, ки дар натиҷа як нафар захмӣ гардид.

Ҷинояткорон барои ҳимояи худ занону мӯйсафедонро ҳамчун сипари зинда истифода мебаранд.

Айни замон макони зисти ду гурӯҳи мусаллаҳи ҷинояткорон таҳти роҳбарии М.Маҳмадбоқиров ва И.Имомназаров пурра таҳти назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад ва қисми бештари онҳо безарар гардонда шудааст. Шумораи зиёди гурӯҳи Толиббек Аёмбеков низ безарар гардонда шуд. 30 нафар аъзои гурӯҳҳои силоҳбадаст нобуд ва 36 нафари онҳо захмӣ гардид.

Инчунин дар рафти амалиёт 5 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ дастгир гардидаанд. Мутаассифона, 17 нафар корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ ба ҳалокат расида, 40 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштаанд. Як нафар аз аҳолии осоишта ҳалок шудааст, ки он марди 58-сола буда, дар ҳамсоягии И.Имомназаров зиндагӣ мекард.

Шаби 24 июл, тахминан соати $3^{30}$ дақиқа, як гурӯҳи силоҳбадастон ба ҷойи зисти гурӯҳи тафтишотии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷум намуда, панҷ нафари онҳоро гаравгон гирифта, ду адад автомати тамғаи АКС-74-ро тасарруф намуданд.

Оид ба ин ҳодиса низ аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Ҳоло гурӯҳи нави тафтишотӣ ташкил ёфтааст. Фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткор ҳамаҷониба тафтиш ва масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо баррасӣ хоҳад шуд.

Айни замон дар шаҳри Хоруғ ва гирду атрофи он вазъ мӯътадил буда, таҳти назорат қарор дорад. Нуқтаҳои савдо фаъолият дошта, мардум ба зиндагии муқаррарии худ машғуланд.

***А. МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# Раддия ба маводи рӯзномаи «ИмрӯзNEWS»

Рӯзи чорум аст, ки маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - шаҳри Хоруғ ба маркази таваҷҷуҳи иттилооти воситаҳои ахбори оммаи дохилию ҷаҳонӣ қарор дорад. Ҳодисаи мудҳиши шоми 21 июли соли ҷорӣ бавуқӯъомада (куштори сардори Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят генерал А. С. Назаров) ва амалиёти ниҳодҳои қудратии кишвар ҷиҳати дастгир намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани ашхоси гунаҳкори саркаш дар ҷомеа овозаҳои зиёди беасосро рӯйи кор овард. Аз ин ҳодиса ва овозаҳои атрофи он баъзе расонаҳои хабарӣ мехоҳанд ба таври ғаразнок истифода бурда, рейтинги худро баланд бардошта, бозори фурӯши рӯзномаҳояшонро гарм созанд. Барои чунин расонаҳо на манфиати халқу миллат ва на арзишҳои умумиинсонӣ қадру қимате надоранд. Онҳо бо ахбори беасос ва ғаразноки худ вазъияти бавуқӯъомадаро боз ҳам муташанниҷ гардонда, ба манофеи бадхоҳони давлату миллат кор мекунанд.

Ба гунаи мисол, дар рӯзномаи «ИмрӯзNEWS» ва баъзе рӯзномаю сайтҳои дигар баромади раиси ВМКБ Қодири Қосим дар назди ҷамъомадагони майдони шаҳри Хоруғ, ҷиҳати аз тариқи мусолиҳатомез, дар доираи қонунҳои амалкунанда, ҳал намудани масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҷиноятсодирнамуда, беибо таҳриф гардидааст. Гӯё Қодири Қосим дар вазъи бавуқӯъомада худро гунаҳкор ҳисобида, омодагии худро барои ба истеъфо рафтан эълон намудааст. Ҳол он ки раиси вилоят дар назди ҷамъомадагон зикр карданд: «Биёед, ҳоло тамоми неруи худро барои мӯътадил гардондани вазъият дар шаҳри Хоруғ ва дар чаҳорчӯбаи қонун ҳал намудани қазияи баамаломада равона созем. Пасон муайян кунем, ки дар ҳодисаи руҳдода кӣ гунаҳкор аст. Агар ман гунаҳкор бошам, омодаам ба истеъфо равам». Аз ин рӯ, ёдовар мешавем, ки рисолати асосии рӯзномаю рӯзноманигор ин ба ҷомеа расондани ахбори дуруст мебошад, на барангехтани иғвою нифоқ.

***Маркази матбуоти раиси***
***Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон***

**Дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҷамъомад оид ба оғоз бахшидани амали Барномаи «Омӯзонидани ҳуқуқи тиҷоратӣ ба судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 18 моҳ давом мекунад, баргузор шуд.**

# Судяҳо ҳуқуқи тиҷоратро меомӯзанд

Барнома бо кӯмаки ташкилоти байналмилалӣ оид ба рушди ҳуқуқ тибқи созишнома бо маркази таълимии судяҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Ин барнома бо мақсади тақвият бахшидани ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши судяҳо дар таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ва озодии инсон, манфиатҳои қонунии давлат, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, инчунин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ татбиқ мегардад.

Фаъолияти асосӣ вобаста ба Барномаи «Омӯзонидани ҳуқуқи тиҷоратӣ ба судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз дастгирии Маркази таълимии судяҳо ва дастрас намудани кӯмаки техникӣ барои баланд бардоштани тахассуси роҳбарият, кормандон ва омӯзгорон ва иртифои савияи дониши судяҳо дар соҳаи тиҷорат иборат мебошад.

Барномаи мазкур барои баланд бардоштани тахассуси касбии 200 нафар судяҳо, ки аз манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ барои омӯзиши даҳ мавзӯи муҳими ҳуқуқи тиҷоратӣ, аз қабили ҳуқуқи моликият ва андозбандӣ, мушкилоти тиҷоратии истифодабарии замин, муносибатҳои ҳуқуқии кредитӣ (қарзӣ) ва ғайра ҷалб мешаванд, мусоидат менамояд.

Дар ҷамъомади мазкур раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Азизов зикр намуд, ки воқеан ҳам судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши ҳуқуқи тиҷоратӣ эҳтиёҷ доранд. Барномаи мазкур ҳамчунин барои ҷиҳати амалӣ намудани нақшаи чорабинии тасдиқгардида баҳри баамалбарории Барномаи ислоҳоти судӣ ва мукаммалсозии ҳуқуқи тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурааст.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

# Шоистамарде дар моварои илм



**Дар тамаддуни башар ҳар миллатро бо фарзандони соҳибмаърифату содиқи он мешиносанд ва баҳо медиҳанд. Тоҷикистони азизи мо низ имрӯз бо фарзандони содиқу ҷонфидо, бо олимону суханварон ва нобиғаҳои хеш муаррифӣ мегардад. Маҳз тавассути сарсупурдагиву ҷонфидоӣ ва заҳмату шабзиндадории онҳо меҳан побарҷо ва рушду обод мегардад.**

**Амир Қарақулов ҳамчун олими варзидаи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, аз зумраи он фарзандони фарзона мебошад, ки тӯли ҳаёти бобаракат ва фаъолияти босамари хеш дар вазифаҳои пурмасъули ҳукуматӣ, на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар дигар соҳаҳо низ баҳри рушду нумуи Тоҷикистони азиз заҳмат кашидааст.**

Чун як шахси нексиришту покзамир ва фозил, солҳои тӯлонӣ зимни адои вазифа барои рушди соҳаи кишоварзӣ, алалхусус чорводорӣ, дар муҳимтарин риштаҳои он – оид ба пешбурди истеҳсолот ва тадбирҳои ривоҷу равнақи чорводорӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам кӯшиш ба харҷ додааст.

Ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии Амир Бӯриевич Қарақулов барои олимону мутахассисони ҷавони кишоварзӣ ва баҳри рушду такомули илмии онҳо ибратомӯз мебошад.

Мавсуф 15 июли соли 1942 таваллуд ёфта, соли 1955 донишҷӯйи Омӯзишгоҳи зооветеринарии собиқ шаҳри Сталинобод гардид. Аз соли 1959 то соли 1964 дар факултаи зоотехникии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон таҳсил намуда, ихтисоси олим-зоотехникро соҳиб шуд ва худи ҳамон сол ба сифати зоотехники колхози ба номи Ленини шаҳри Турсунзода ба кор шурӯъ намуд.

Соли 1965 котиби аввали Кумитаи комсомолии шаҳри Турсунзода ва соли 1968 сардори шӯъбаи ташкилотҳои комсомолии Кумитаи Марказии ЛКСМ Тоҷикистон таъин гардид. Бо назардошти ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар адои вазифа, серталабӣ нисбат ба хеш, соли 1971 мавсуф коршиноси риштаи кишоварзӣ дар шӯъбаи кишоварзии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва сипас, соли 1972 муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, дар ин вазифаи пурмасъул то соли 1983 барои инкишофу рушди соҳаи кишоварзӣ, алалхусус соҳаи чорводорӣ, пешрафти илми соҳа, тарбияи мутахассисони соҳавӣ, диққати махсус дод.

Ҷоиз ба зикр аст, ки мавсуф дар мукаммалгардонии зоту намудҳои чорво, ташкили шумораи зиёди заводу хоҷагиҳои зотпарварӣ, афзунбахшии саршумор ва маҳсулнокии чорво бо ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ, тарбия ва ҷобаҷогузории мутахассисон, зоотехнику ветеринарҳо саҳмгузор мебошад.

Кордонӣ ва қобилияти ташкилотчигии Амир Бӯриевич Қарақуловро ба инобат гирифта, соли 1983 ӯро котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Файзобод таъин карданд. Дар ин вазифаи масъулиятнок ӯ бо талошҳои пайгирона барои пешбурди соҳаҳои кишоварзӣ, маориф, фарҳанг, тарбияи насли ҷавон, ҷобаҷогузории мутахассисони баландихтисос, ҳифзи сиҳатии омма ва ғайра саҳми арзанда гузошт.

Соли 1986 номбурдаро ба вазифаи мудири шӯъбаи аграрӣ ва саноати хӯроквории Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон таъин намуданд. Ӯ дар ин вазифа боз ҳам баҳри ривоҷу равнақи соҳаи саноати хӯроквори ва самтҳои ояндадори илми кишоварзӣ, зичтар гардонидани алоқаи илм ва истеҳсолот кӯшиш ба харҷ дод.

Аз соли 1989 то соли 2007 Амир Қарақулов директори Институти илмию тадқиқотии чорводории Тоҷикистон буд. Ӯ ҳамчун роҳбар ва иҷрокунанда - мутасаддии Барномаи маҷмӯъавии илмию техникии «Равнақи соҳаи гӯштӣ» дар иҷрои корҳои тадқиқотию илмӣ оид ба мавзӯъҳои илмии «Такмил додани хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии говҳои зотҳои сергӯшт ва қутоспарварӣ дар Тоҷикистон», «Омӯхтани хусусиятҳои ба шароити кӯҳсори шимоли Тоҷикистон мутобиқшавии қутосҳои дар Помир таҳаввулёфта» ширкат намудааст.

Номбурда дар Институти Умумииттифоқии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба чорвои сергӯшт дар аспирантура таҳсил карда, соли 1985 рисолаи номзадӣ ва соли 1994 рисолаи докториро дифоъ намуд. Бо назардошти қурбу арзишҳои фаъолияти илмӣ, тарбияи олимони ҷавон ӯ соли 1994 узви вобаста ва соли 2001 узви пайвастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон аз соли 2001 то соли 2006 дар вазифаи ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дошт. Соли 2010 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Академик А. Қарақулов дар омӯзиши амиқи корҳои селексионӣ, ба шароити муҳити зисти маҳалҳои гуногуни минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон мутобиқ гардидан ва интиқоли қутосҳои помирӣ ба дигар минтақаҳои кишвар тадқиқоти ҷолиби илмӣ анҷом дода, ба муваффақият ноил гардид.

Давоми солҳои тулонӣ А. Қарақулов оид ба афзоиш ва селексияи говҳои зоти қалмиқии сергӯшт тадқиқоти калонмиқёс анҷом дод.

Таҳти роҳнамоии илмии ӯ ҳадди мавҷудияти ионҳои нитрату нитрит дар гӯшт ва сифати чарми зотҳои говҳои дар Тоҷикистон парваришёбанда муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои илмии ӯ дар китобҳои «Афзоишдиҳии гови қалмиқӣ дар минтақаҳои кӯҳсори Тоҷикистон», «Қутоспарварӣ дар Помир», «Манбаъҳои истеҳсоли гӯшти гов дар Тоҷикистон», «Баҳри равнақу ривоҷи чорводорӣ» ва «Беҳ аз санои олам деҳқон аст» инъикоси худро ёфтааст.

Академик А. Қарақулов муаллифи зиёда аз 120 асару мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла шаш монография мебошад.

Солҳои сарварӣ дар Пажӯҳишгоҳи чорводорӣ, баробари ба анҷом расонидани тадқиқотҳои нодири илмӣ, инчунин ба мақсади ноил гардидан ба дастовардҳои бузурги илмиву истеҳсолӣ ба олимони соҳа кӯмаки худро дареғ надошт. Дар ин радиф, аз ҷониби олимони пажӯҳишгоҳ офаридани ҷинси тоҷикии говҳои сиёҳало, зоти тоҷикии бузҳои серпашм бевосита ба фаъолияти оқилона ва ҳадафрасии ӯ вобастаанд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки солҳои тӯлонӣ бо устод дар як муассиса кору фаъолият доштем ва аз меваҳои шаҳдбори мактаби тарбияи ин шоистамард бархӯрдор гардидаем. Боиси ифтихор медонем, ки аз эшон дар баробари илму коргузорӣ, инчунин сабақи инсондӯстӣ ва некназарию соҳибдилӣ омӯхтем.

Устод Амир Қарақулов имрӯз дарахти пурбореро мемонад, ки аз меваи ба бор овардааш ифтихор дорад. Таҳти роҳбарии ӯ шаш рисола, аз ҷумла ду рисолаи докторӣ ва чор рисолаи номзади илмҳои кишоварзӣ дифоъ шудааст ва ҳоло ҳамчун сарходими илмӣ роҳбарии чор аспирант ва ду докторантро ба ӯҳда дорад.

Хизматҳои пурмаҳсули ӯро дар ободонии кишвар, инкишофи соҳаи илми чорводорӣ, тарбияи мутахассисони баландихтисос ба назар гирифта, ӯро бо ду ордени «Нишони Фахрӣ», се медал ва унвони фахрии «Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон» сазовор гардонидаанд.

Мо аминем, ки фаъолияти минбаъдаи ӯ барои таҳкими иқтисодиёти кишвар хизмати боз ҳам бештар мекунад.

***Фазлиддин ИКРОМОВ,***
***директори Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ,***
***Толиб ИРГАШЕВ,***
***мудири шӯъбаи Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон***

**Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи 20-солагии Иҷлосияи ХУI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон СД-диски «Роҳнамои тиҷоратӣ -2012»-ро омода намуд. Ба ин муносибат дар маҷлисгоҳи Палата бо иштироки роҳбарият, мутахассисони ин ташкилот ва намояндагони воситаҳои ахбори омма муаррифии СД-диск баргузор шуд.**

# Маълумотномаи пурарзиш

Тавре зимни муаррифии СД-диски нав раиси ПСС Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид иброз дошт:

-СД-диски «Роҳнамои тиҷоратӣ -2012» тамоми маълумоти заруриро барои сармоягузорон фаро мегирад. Ин шумораи ҳаштуми СД-диски «Роҳнамои тиҷоратӣ -2012» аст, ки Палатаи савдо ва саноат баровардааст. СД-диски қаблӣ «Бизнес-Роҳнамо -2011» махсус ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон омода гардида буд. Ҳангоми таҳияи диски нав дархостҳои сармоягузорон ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта, мундариҷа ва ҷойгиркунии маълумотҳо тағйир дода шуд. Дар ин СД-диск сарлавҳаи нав таҳти унвони «Директорияи содиркунандагони Тоҷикистон» ҷой дода шудааст, ки нисбати 107 содиркунандаи Тоҷикистон дар 11 бахши саноат, аз ҷумла дар бахшҳои электроэнергетика ва маъданҳои ранга, мошинсозӣ, телекоммуникатсия, саноати химия, маводи сохтмонӣ, саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли чӯбу тахта, туризм, косибӣ, фарфор, маҳсулот аз шиша ва сангҳо маълумот дода мешавад. Воқеан, маълумотномаи пурарзиш Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ карда, ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, воридоти технология мусоидат мекунад.

Дар маълумотнома бо ду забон (русӣ ва англисӣ) оид ба намояндагиҳои давлатҳои хориҷии муқими Тоҷикистон ва намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, қоидаҳои дохилшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби бақайдгирии давлатӣ оид ба узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилотҳои байналмилалӣ, тағйиру иловаҳо ба кодексҳои гражданӣ, андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо маълумот дода шудааст.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***



Хоҷагии деҳқонии «Қалъаи лаби об»-и ноҳияи Тоҷикобод серсоҳа буда, аз ҷумла навъҳои гуногуни зироатҳои кишоварзиро парвариш менамоянд. Деҳқонон бахусус аз картошка ҳосили хуб мегиранд.

Аз сӯҳбат бо сардори хоҷагӣ Нуралӣ Мирзоев маълум гардид, ки дар маҳал картошкаи тухмии ноҳияҳои Ғончӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ хуб мутобиқ шуда, ҳосили баланд медиҳанд. Айни замон аз ин навъҳои тухмӣ дар майдони 52 гектар картошка шинонидаанд.

Деҳқонон мақсад доранд аз ҳар гектар бештар аз 300 сентнерӣ ҳосил гиранд. Онҳо аз мусоид омадани обу ҳаво низ истифода бурда, ният доранд, ки ҳар чӣ бештар хӯроки чорво захира намоянд. Имсол ду гектар боғи нав бунёд карда, ҳамзамон 2,5 гектар боғи кӯҳнаро баркарор намуданд, ки дар онҳо навъҳои беҳтарини себ, нок, шафтолу, зардолу парвариш меёбад.

**ДАР СУРАТ: роҳбари хоҷагӣ Нуралӣ Мирзоев.**

***Матн ва сурати М. РИЗВОНОВ***

## ● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ХОЛИҚОВ Искандар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Алмосӣ №101, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1928 дар деҳаи Чағатойи ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1944 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳоти «Роҳи Ленин» сар кардааст. Аз соли 1958 дар ҳамин колхоз чӯпон буд.



**МУРОДОВ Латиф**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҳисор №102, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1913 дар деҳаи Маҳрами ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Муаллими Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе ва мактаби ҳафтсолаи ноҳияи Ҳисор, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ҳисор, мудири шӯъбаи Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор, аз соли 1950 раиси колхози «Съезди XXII партия»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҳисор буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва ду медал мукофотонида шудааст.



**САИДОВ Сафар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Дзержинский №103, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1914 дар ноҳияи Файзобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1936 сар кардааст. Гилкори идораи ҷумҳуриявии «Тоҷикзолото», аз соли 1948 то соли 1949 колхозчӣ ва аз соли 1949 сардори бригадаи пахтакории хоҷагии ба номи Дзержинскийи раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҳисор буд.

Бо ду Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**УМАРОВА Маъмура**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Карамкӯл №104, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1918 дар деҳаи Карамкӯли ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1930 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Калинини ноҳияи Ҳисор сар карда, ба сифати говдӯши хоҷагии мазкур кор кардааст.



**МАҲКАМОВ Бобо**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қипчоқ №105, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1919 дар деҳаи Кӯлканди ноҳияи Исфара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Сардори шӯъба ва сардори раёсати Вазорати бехатарии давлатӣ буд. Аз соли 1954 вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон, аз соли 1962 вазири нигаҳдории тартиботи ҷамъиятии ҷумҳурӣ шуда кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва Ситораи Сурх, медалҳои «Барои шуҷоат», «Барои хизматҳои ҷангӣ», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Флоти Шӯравӣ» мукофотонида шудааст.



**ДЕДОВ Иван Федорович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленинград №106, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1923 дар вилояти Қарағандаи ҶШС Қазоқистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёна.

Котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Восеъ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Тоҷикобод ва Ҳисор шуда кор кард. Соли 1962 сардори раёсати территориявии истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҳисор, соли 1963 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ҳисор буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҒАФУРОВА Қурбонбибӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Карл Маркс №107, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1933 дар ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 ба сифати узви оддии артели хоҷагии деҳоти ба номи Карл Маркси ноҳияи Ҳисор сар кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**РОФИЕВ Ҳикмат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Мирзо Ризо №108, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1915 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1931 сар кардааст. Мудири шӯъбаи маориф, директори мактаб шуда кор кардааст. Солҳои 1947-1949 дар вазифаи котиби масъули КМ иттифоқи касабаи коркунони мактабҳои ибтидоӣ ва миёна буд. Аз соли 1957 то соли 1963 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияҳои Шаҳринав ва Регар, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ҳисор, раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор буд.



**ПОПОВА Александра Семеновна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Октябр №109, ноҳияи Ҳисор***

Соли 1931 дар ноҳияи Уваровои вилояти Тамбов таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёнаи махсус.

Баъди тамом кардани Техникуми хӯроквории шаҳри Исфара аз соли 1950 устои сменагии сехи Заводи консервабарории Чиптӯра кор кардааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

## САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМ ДУ БАРОБАР АФЗУДААСТ

Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвар Наҷмиддинов иброз дошт, ки айни замон дар кишвар 60 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 9,2 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор дорад. Лоиҳаҳои амалишаванда, бино ба гуфти мавсуф, аз 20 манбаъ маблағгузорӣ шуда, 12 соҳаро фарогир аст. Маблағгузорони асосии лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Рушди Осиё, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Исломии Рушд ва дигар кишвару ташкилотҳои молиявӣ мебошанд. Воридоти сармояи хориҷӣ давоми нимсолаи аввали соли равон 134,5 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз ин миқдор 74,1 миллион доллари амрикоиро қарзҳои ҷалбнамудаи корхонаву ташкилотҳо ва 60,4 миллион доллари амрикоиашро сармоягузории мустақим ташкил медиҳад. Ҷоиз ба зикр аст, ки воруди сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ду баробар зиёд гардидааст. Тӯли шаш моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби хусусигардонӣ ва истифодаи моликияти ҷумҳуриявӣ ба буҷети давлат 15,5 миллион сомонӣ ворид шудааст.

Дар ин муддат мувофиқи қарорҳои маҷлисҳои умумии солонаи саҳмдорон аз ҷамъиятҳои саҳомие, ки саҳми давлат дар сармояи оинномавии онҳо мавҷуд мебошад, ба маблағи умумии 0,8 миллион сомонӣ ва аз ҷамъиятҳои саҳомие, ки 100 фоизи саҳмияҳои онҳо бо давлат тааллуқ дорад, зиёда аз 6,5 миллион сомонӣ суди саҳмияҳо ҷудо карда шудааст.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Роҳҳои пойтахт таъмир мегарданд

Нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти раёсати муовини аввали раиси шаҳр Насрулло Хайрулоев гузашт. Мавсуф оид ба вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳри Душанбе дар нимсолаи аввали соли 2012 мухтасар маълумот дода, зикр намуд, ки дар ин давра иҷрои воридоти андозҳо ва ҳар гуна пардохтҳои ғайриандозӣ ба буҷет аз рӯйи контингенти умумии даромадҳо (бе назардошти андози иҷтимоӣ) 578,8 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 18,7 фоиз зиёд мебошад. Барои дастгирии табақаи камбизоати аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети шаҳри Душанбе мутобиқи Қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе таҳти №75-8 аз 22 декабри соли 2011, аз якуми январи соли ҷорӣ илова ба нафақаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ 150 ва аз якуми апрел 300 сомонӣ ва ба дигар шахсони ба онҳо баробар 90 сомонӣ муқаррар гардид. Дар ин давра ба 956 нафар шахсони мутааллиқи талаботи мазкур ба маблағи 655,2 ҳазор сомонӣ пардохт карда шуд. Ба бештар аз 18 ҳазору 500 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз оилаҳои камбизоат бошад, ба маблағи 371,5 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ дода шуд. Корхонаҳои саноатии шаҳр ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуданд. Яке аз пешрафтҳои назаррас дар пойтахти ҷумҳурӣ ин қомат афрохтани биноҳои хуштарҳу баландошёнаи маъмурӣ, хизматрасонӣ ва истиқоматӣ мебошад. Тавре масъулин иттилоъ доданд, дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Душанбе 16491 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9927 метри мураббаъ зиёд мебошад. Таъкид шуд, ки хонаҳои истиқоматӣ асосан аз ҳисоби маблағҳои соҳибкорони инфиродӣ ва ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд сохта, ба истифода дода шудаанд.

Тавре маълум аст баъди барфу боронҳои зиёди фаслҳои зимистону баҳор бисёр роҳу кӯчаҳои пойтахт вайрон гардиданд. Дар ин самт Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр тадбирҳои амалӣ андешида, дар давраи ҳисоботӣ таъмири асосии роҳҳои автомобилгардро ба маблағи 27 миллион сомонӣ ба анҷом расонид. Ҳамзамон тибқи Қарори Раиси шаҳри Душанбе таҳти №197 аз 18 апрели соли 2012 «Оид ба эҳсонкории субъектҳои соҳибкорию хоҷагидорӣ дар таъмири ҷории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Душанбе» аз ҷониби субъектҳои соҳибкории шаҳр тариқи эҳсонкорӣ 15 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардид, ки алҳол 13,6 миллион сомонии он аз худ карда шудааст. Хабарнигорон оид ба мушкилоти хизматрасонии нақлиётӣ, ҳолати бозорҳои пойтахт ва дигар масъалаҳои муҳим саволҳо пешниҳод карда, аз масъулин ҷавобҳои мушаххас гирифтанд. Дар нишасти матбуотӣ муовинони раиси шаҳри Душанбе, сардорони раёсатҳо ва раисони чор ноҳияи пойтахт иштирок доштанд.

*Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

## ҲАДАФИ «РУШДИ ДЕҲОТ» - БЕҲДОШТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

Аз суханронии директори Муассисаи давлатии маркази идоракунии лоиҳаи «Рушди деҳот» Усмон Сабзов маълум гардид, ки ҳадафи асосии лоиҳаи фавқуззикр дастгирии соҳаи кишоварзӣ, афзун намудани истеҳсолоти кишоварзӣ, тақвият додани инфраструктураи маҳал ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳи зиндагонии аҳолии деҳот, баррасии масъалаҳои беҳдошти чарогоҳҳо, баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи аҳолӣ, пешниҳод намудани маблағҳои қарзӣ, мусоидат дар пешбурди сиёсати аграрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ривоҷи соҳибкорӣ ва тиҷорати кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, дастгирии иттилоотии сохторҳои маҳаллии амалкунанда ва пешниҳод намудани маслиҳату машварати зарурӣ маҳсуб меёбад.

Лоиҳа аз панҷ компонент иборат буда, дар ҳама самтҳо кор мувофиқи нақша пеш меравад. Дар заминаи татбиқи ин лоиҳа барқарор намудани канали байнихоҷагии деҳаи Навободи Ҷамоати деҳоти ба номи Абдулвосиеви шаҳри Ваҳдат ба анҷом расида, онро комиссияи давлатӣ бо сифати баланд қабул кард ва аз оби ин канал ҳоло зиёда аз 120 хоҷагии деҳқонӣ истифода мебарад.

Дар ҳамин радиф барқарор ва мустаҳкам намудани пули мошингузар дар километри 4-уми роҳи Чорбоғ, Чормағзакони ӯзбеки ноҳияи Варзоб, пули мошингузари деҳаи Шурманқа, Ҷамоати деҳоти Эсанбой ва сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Лоҳури Ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Рӯдакӣ ба анҷом расидаанд.

Тибқи маълумоти пешниҳодгашта барқарорсозии пули дарёи Элоки деҳаи Дороб, барқарорсозии кӯпрук дар деҳаи Шейхони ноҳияи Рӯдакӣ, корҳои барқарорсозии кӯпруки Деҳмалик дар деҳоти Тагоби ноҳияи Варзоб, барқарорсозии роҳи мошингарди деҳаҳои Ҷавонӣ ва Сафедорони шаҳри Роғун, барқарор намудани кӯпруки мошингузари деҳаи Тиллоободи ноҳияи Рӯдакӣ идома доранд.

*Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

## ҲОЛАТҲОИ РИШВАСИТОНӢ ВА ҚАЛЛОБӢ КОҲИШ НАЁФТААНД

-Дар нимсолаи аввали соли 2012 аз ҷониби сохторҳои агентӣ 744 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд ошкор карда шуд, ки 238-тои онҳоро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд. Аз ҷумлаи ҷиноятҳои ошкоргардида 438 ададашро ҷиноятҳои сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, 62 адад ҷиноятҳои гирифтан ва додани пора, 9 адад ришвадиҳии тиҷоратӣ ва 19 адад гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯйӣ ташкил медиҳад. Маблағи зарари молиявии аз ҷиноятҳои ошкоргардида ба 38650108 сомонӣ мерасад, ки дар рафти санҷишу таҳқиқ маблағи 20542417 сомонии он рӯёнида шудааст,- гуфт дар нишасти матбуотӣ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоҳ Саидов.

Аз ҳисоби ҷиноятҳои ошкоргардида 95-тои онро кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ содир намудаанд. Агар ҷиноятҳои коррупсионии дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ бақайдгирифташударо, ки аз ҷониби кормандони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ содир шудаанд, муқоиса намоем, чунин ҷиноятҳо аз ҳама бештар аз тарафи кормандони сохторҳои вазоратҳои кишоварзӣ (60 ҷиноят), маориф (36 ҷиноят), нақлиёт ва коммуникатсия (23 ҷиноят), мелиоратсия ва захираҳои об (19 ҷиноят), тандурустӣ (16 ҷиноят), энергетика ва саноат, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (13 ҷиноятӣ) ва Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон (15 ҷиноят) инчунин сохторҳои бонкии ҷумҳурӣ (33 ҷиноят) содир гардидаанд.

Кормандони агентӣ дар давоми нимсолаи аввали соли равон фаъолияти худро дар самти ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пурзӯр намуда, дар ин давра 71 ҳолати вайронкунии қонуни мазкурро аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ ошкор намуданд. Аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 46 ҳолат, вилояти Хатлон 11 ҳолат, вилояти Суғд 10 ҳолат, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3 ҳолат ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1 ҳолат ошкор карда шудааст. Оид ба ҳамаи 71 ҳолат маводҳо барои баррасӣ ба судҳо ирсол ва нисбати шахсони гунаҳкор ҷарима татбиқ карда шудааст.

*А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## «ФАРҲАНГИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» ЧОП МЕШАВАД

Санҷиш ва омӯзиши ҷараёни иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи Низомнома яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Дар ҷараёни санҷиш дар 38 муассиса мухолифатҳои ба муқарраротиҚонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷойдошта бартараф гардиданд. Ба 42 муассисае, ки номгузорӣ ва маводи иттилоотии онҳо бар хилофи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, барои бартараф намудани камбудиҳо мӯҳлат дода шуд. Ҳамчунин дар ҷараёни санҷиш кумита барои ин муассисаҳо номҳои зебою хушоҳангро низ тавсия намуд.

Номи забони миллӣ мутобиқи меъёри Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама ҷо бояд дар шакли «забони тоҷикӣ» муаррифӣ гардад. Истифодаи номи забон дар шакли «забони тоҷик», ҳамчунон ки солҳои 20-30 истифода мешуд, таҳрифи номи забон дониста мешавад.

Дар иртибот ба ин мавзӯъ, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз баррасӣ ва ташхиси забоншиносии унвони фанҳои таълимии «Забони адабии ҳозираи тоҷик», «Забони ҳозираи тоҷик» ва «Таърихи забони адабии тоҷик» барои иваз намудани номи фанҳои мазкур ба шакли дурусти номи забон, яъне «Забони тоҷикӣ» ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намуд.

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ 21 феврали соли равон мизи мудавварро бо иштироки доираи васеи муҳаққиқон, намояндагони ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон, намояндагони забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ баргузор намуд.

Бо қарори ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2012 таҳти №2/1 аз зумраи забоншиносони варзидаи кафедраи забони тоҷикии донишгоҳу донишкадаҳо гурӯҳи корӣ барои таҳияи «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» таъсис дода шуд. Ҳоло «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» дар арафаи нашр қарор дорад.

Дар охир раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Додихудо Саймиддинов ба саволҳои рӯзноманигорон ҷавобҳои қаноатбахш дод.

*Т.АВРАНГЗЕБ, «Садои мардум»*

## БАРОИ БЕҲБУДИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ТАВСИЯҲО ПЕШНИҲОД ШУДАНД

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон иттилоъ дод, ки маърӯзаи дуюми худро оид ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар соли 2011 омода ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод кардааст. Дар он барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон 83 тавсия ҷой дода шудааст.

Баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Дар нимсолаи аввали соли 2012 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 278 муроҷиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо аризаву шикоятҳои хаттӣ -127 ва муроҷиатҳои шифоҳӣ -151 ададро ташкил медиҳад.

Аз аризаҳои шаҳрвандоне, ки дар Дастгоҳи Ваклотадор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, асосан ба фаъолияти мақомоти судӣ (41 адад), мақомоти корҳои дохилӣ (17 адад), комиссариатҳои ҳарбӣ (5 адад) тааллуқ доранд.

Дар ин давра дар се минтақаи ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Роғун, Кӯлоб ва Хоруғ) бо дастгирии моликияти Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир қабулгоҳҳои нав таъсис дода шуданд, ки онҳо якҷоя бо дигар қабулгоҳҳои ҷамъиятии шаҳрҳои Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва ноҳияи Айнӣ иқтидори дохилии мақомотро тақвият дода, дастрасии шаҳрвандонро ба фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон осон мегардонанд.

*А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## ПЕШРАФТУ ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШГОҲ ШОИСТАИ ТАҲСИНАНД

Аз шиносоӣ бо нишондиҳандаҳои Донишгоҳии давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мӯътақид шудем, ки фаъолияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тамоми ҷанбаҳо тамоюли беҳтаршавиро касб намудааст. Дастоварду пешравиҳои донишгоҳ ба андешаи инҷониб дар муқоиса бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ назир надоранд. Бино ба гуфти узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори донишгоҳ, профессор Убайдулло Қурбонов соли равон дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ донишгоҳ мақоми дуюмро соҳиб шудааст. Таҳлили сессияи зимистона нишон дод, ки миқдори донишҷӯёни ба баҳои хубу аъло таҳсилдошта 42,8 фоизро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта зиёдтар аст. Чунин тамоюл дар сессияи тобистона низ ба мушоҳида мерасад.

Давоми шаш моҳи соли равон аз тарафи ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ ба 30172 бемор кӯмаки табобатию машваратӣ расонида шудааст. Маълум гардид, ки дар ин давра робитаҳои хориҷии донишгоҳ низ густариш ёфта, 23 вохӯрии ректори донишгоҳ бо масъулини сафоратхонаҳои муқими кишвар ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардидааст. Дар доираи мулоқотҳои фавқуззикр масъалаи сармоягузории корҳои илмиву тадқиқотӣ, ташкил ва баргузории ҳамоишҳои илмӣ, мубодилаи омӯзгорону донишҷӯён ва ғайра матраҳ гардидаанд.

Айни замон донишгоҳ бо 50 муассисаи бузурги илмию таълимӣ ва марказҳои муолиҷаи кишварҳои хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дорад. Бахшида ба 15-солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ бо ибтикори роҳбарияти донишгоҳ ҷилдҳои 3, 4 ва 5-уми Энсиклопедияи мухтасари тиб бо сифати баланд ба нашр расидааст. Иқдоми дигари амалӣ намудани роҳбарияти донишгоҳ фаъолияти хайриявии он маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад аз ҳисоби маблағҳои хусусии донишгоҳ дар арафаи ҷашну маросимҳо ба маблағи 305000 сомонӣ ба омӯзгорон, донишҷӯён, собиқадорони ҷангу меҳнат, нафақахӯрон, барҷомондаву ятимон кӯмаки молиявӣ расонида шудааст.

*Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»*

## Алоқаи мобилӣ инкишоф меёбад

- Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ тавассути субъектҳои хоҷагидори соҳаи алоқаи ҷумҳурӣ ба корхонаву ташкилотҳо ва аҳолӣ ба маблағи 513,4 млн. сомонӣ хизмат расонида шудааст. Бояд зикр кард, ки айни ҳол ба ҳар 100 шаҳрванди ҷумҳурӣ 5,3 адад дастгоҳи телефонии хонагӣ, 61 адад дастгоҳи телефонии мобилии фаъол рост омада, аз ҳар 100 нафар 29 нафар истифодабарандаи шабакаи Интернет мебошад, - иброз намуд сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бег Зуҳуров.

Бо мақсади иҷрои супориши Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2012 таҳти рақами 1 оид ба насби як миллион адад телефонҳои хонагӣ Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 июли соли ҷорӣ ба 152,5 ҳазор оилаҳои эҳтиёҷманд чунин телефонҳоро насб намуд. То охири соли 2012 насби телефонҳои боқимонда таъмин мешавад.

Аз ҳисоби фаъолияти иҷозатномадиҳӣ, сертификатсиякунонӣ ва иҷозат барои истифодабарии воситаҳои электронӣ ба буҷети давлатӣ 21,4 млн. сомонӣ ворид гардидааст. То ин давра субъектҳои хоҷагидоре, ки иҷозатнома доранд, 254 адад буда, аз ин 230 адад ба субъектҳои хоҷагидори шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 22 адад ба вилояти Суғд ва ду адад ба вилояти Хатлон рост меоянд. Дар асоси хулосаҳои техникӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти 4629 адад воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомад иҷозат дода шудааст.

*Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»*

## ҶИҲАТИ ТАКМИЛИ ҚОНУНҲО ХУЛОСАҲОИ ИЛМӢ ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

-Дар шаш моҳи соли 2012 Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - гуфт директори марказ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмад Раҳимов, - бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба роҳ мондани робитаҳои илмӣ тибқи Низомномаи марказ бо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои назаррасро анҷом додааст.

Аз ҷумла ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қонунҳои қабулшуда ва бартараф кардани мухолифати онҳо, баҳри мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаш моҳи соли ҷорӣ марказ ба 73 лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳои илмӣ пешниҳод намуд, ки дар маҷмӯъ 561 таклифу пешниҳодро дар бар мегирад.

Ҳамзамон кормандони марказ дар ҳайати 19 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо ба барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолона ширкат намудаанд. Инчунин даҳ гурӯҳи корӣ тибқи нақшаи дохилӣ оид ба таҳияи консепсия ва қонунҳо дар марказ таъсис дода шудааст.

Дар шаш моҳи сипаригардида марказ якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш барномаи давлатӣ оид ба соҳаҳои сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният, аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф, таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ, молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ, гражданӣ ва соҳибкорӣ таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод шуд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 таҳти №95 ва аз 3 апрели соли 2012 таҳти №144 тасдиқ гардиданд.

Бо мақсади таҳким бахшидан ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамкории байналмилалии худро бо Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Россия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои ҳуқуқии маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Белорус ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, таҳлил ва тарҷумаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо хатти форсӣ бо олимони Эрон ба нақша гирифтааст.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## 52 ҲОДИСАИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР ПЕШГИРӢ ШУД

Муовини директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Одинаева гуфт, ки дар нимсолаи аввали соли 2012 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 561 ҷинояти алоқаманд бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаоварро ба қайд гирифтанд. Аз муомилоти ғайриқонунӣ 3383 килову 240 грамм воситаҳои нашъаовар мусодира шудааст, ки 363 килову 821 грамми онро героин, 399 килову 685 грамм афюн ва 2615 килову 795 грамми боқимондаро мухаддироти гурӯҳи каннабис ташкил медиҳад.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ аз 52 ҳодисаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар пешгирӣ намуд, ки дар ҷараёни он 303 килову 491 грамм маводи мухаддир мусодира гашт.

Шӯъбаи тафтишотии агентӣ аз рӯйи ҷиноятҳои ифшошуда 81 парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст, ки 52 парванда дар иртибот ба 72 нафар ба судҳо ирсол гардидааст.

Зарфи шаш моҳи соли 2012 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои марбут ба мухаддир 12 нафар шаҳрвандони хориҷӣ боздошт шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ аз роҳҳои воридот ва содироти воситаҳои нашъаовар аз марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар ноҳияҳои Мурғоб ва Ҷиргатол постгоҳҳои ҳамешагӣ ва гурӯҳҳои сайёр фаъолият мекунанд.

Аз 5 то 8 июни соли 2012 амалиёти зиддимухаддиротии «Канал-Восток» баргузор шуд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ҷинояти алоқаманд ба қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаоварро ошкор ва аз он пешгирӣ намуданд. Аз муомилоти ғайриқонунӣ наздик ба ним тонна воситаҳои нашъаовар мусодира карданд.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

# САНГАЛӢ БО АЛӢ АЛИЕВ ЗӮРИ БОЗУ САНҶИДА БУД

**Чӣ тавр паҳлавони ҷавони тоҷик Сангалӣ Наврӯзбеков соли 1958 дар қувваозмоии паҳлавонони Спартакиадаи умумиттифоқии халқҳои СССР ба финал роҳхат гирифта, бо паҳлавони оламшумул панҷ карат Чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштии тарзи озод Алӣ Алиев ҳарбу зарб кард ва танҳо бо бартарии чанд хол ҷойи ифтихориро ба ҳарифаш сазовор донистанд**

Устоди спорти СССР оид ба гӯштии тарзи озод, барандаи медали тиллои мусобиқаи байналмилалии гӯштии тарзи озод дар Афғонистон (1963), Чемпиони 18-каратаи Тоҷикистон оид ба гӯштии тарзи озод ва миллӣ Сангалӣ Наврӯзбеков ба синни 77 қадам гузошта, ҳанӯз ҳам қаду баст ва ҳаракатҳои чандири варзишиашро нигоҳ медорад. То соли 2011 тренери гӯштии Мактаби варзиши деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон буд. Ҳоло дар ҳалқаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронад.

Кас ба ҳолпурсияш равад, аз сӯҳбатҳои ширину зарофатҳои намакинаш ҳаловат мебарад. Нақлу қиссаҳои зиёде дорад дар бораи паҳлавонони шинохта Азалшоҳ Олимов, Асайнӣ Шоқаландаров, Девлох Шолиев, Назармаҳмад Мералишоев, Нодил Лифаев, Шанбе Навҷавонов, Писар Бекмамадов ва дигарон.

Чун ба иҳотаи ҷавонон афтад, ҳатман аз қувваозмоияш бо паҳлавони машҳури ҷаҳон, Устоди хизматнишондодаи спорти СССР, панҷ карат Чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштии тарзи озод Алӣ Алиев суол мекунанд.

- Бале, дар асл ҳам ман бо ин паҳлавони машҳури ҷаҳон қувваозмоӣ кардаам. Ин соли 1958 буд. Ҳамаи ин бо шарофати устодам Азалшоҳ Олимов ба амал омад. Азалшоҳ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат карда, ҳам гӯштии тарзи озодро машқ мекарду ҳам самборо. Дар Тоҷикистон бошад, ин ду намуди гӯштӣ он қадар маълум набуд. Албатта, гӯштигирон буданд, лекин бештар осетинҳо ва арманҳо.

Ҳангоме ки Азалшоҳ Олимов соли 1955 оид ба гӯштии самбо Чемпиони СССР шуда, ба Тоҷикистон баргашт, роҳбарони физкултура ва спорти ҷумҳуриамон ба ин ду намуди варзиш бештар диққат медодагӣ шуданд.



Сангалӣ НАВРӮЗБЕКОВ

Ба бахти мо Азалшоҳ Олимов солҳои 1958-1960 дар вазифаи раиси Кумитаи физкултура ва спорти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кард ва бо ташаббусаш дар шаҳри Хоруғ сексияи гӯштии тарзи озодро ташкил намуд. Ба сексия ҷавонони зиёде аъзо шуда, намуди нав -гӯштии тарзи озодро машқ мекарданд. Дар муддати кӯтоҳ паҳлавонон Назармаҳмад Мералишоев, Асайнӣ Шоқаландаров, Мамадорис Асаншоев, Шанбе Навҷавонов, Шамшербек Қурбонбеков ва банда назар ба дигарон бартарӣ нишон дода, дар мусобиқаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок карда, ҷойҳои намоёнро соҳиб мешудем.

Вақте ки дар шаҳри Маскав ё ҷумҳуриҳои бародар мусобиқаҳо оид ба гӯштии тарзи озод мегузашт, командаи яккачини гӯштигирони ВМКБ дар он ширкат меварзид ва аксар вақт дастболо мешуд, - ба сӯҳбат даромад бобои Сангалӣ.

- Қувваозмоии таърихии ману Алӣ Алиев ҳам бо шарофати ин намуди гӯштӣ ба амал омад. Соли 1958 дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштии тарзи озод ман дар вазни 52 кг ҳамаи ҳарифонамро мағлуб карда, ба Спартакиадаи умумииттифоқии халқҳои СССР, ки дар шаҳри Ставрополи РСФСР мегузашт, роҳхат гирифтам. Ҳамроҳи ман аз шаҳри Душанбе Тағойгелдӣ Ҳайдаралиев, Назармаҳмад Мералишоев, Асайнӣ Шоқаландаров, Шанбе Навҷавонов ва боз чанд нафар осетинҳои муқими Душанбе ҳам буданд.

Дар ин спартакиада, ки баробари Чемпионати Иттифоқи Советӣ қурб дошт, ман дар вазни 52 кг ҳамаи ҳарифонамро мағлуб сохта, ба финал роҳхат гирифтам.

Паҳлавони шинохтаи доғистонӣ Алӣ Алиевро бори нахуст дар ин спартакиада дидам. Вай ҳам дар вазни 52 кг ба финал баромад, лекин он вақт вай чемпиони ҷаҳон набуд. Танҳо унвонҳои Устоди спорти СССР, Чемпиони Доғистон, Чемпиони Спартакиадаи умумииттифоқии халқҳои СССР ва Чемпиони СССР буд. Мисли ман дар вазни сабук 52 кг гӯштӣ мегирифт.

Ман бошам, як ҷавони 23-солаи кӯҳистонӣ танҳо шаш моҳ ин намуди нави гӯштиро машқ карда, ба чунин мусобиқаи умумииттифоқӣ роҳ ёфтаам.

Вақте ки сардовари мусобиқа унвонҳои варзишии Алӣ Алиевро хонд, каме дасту по гум кардам, зеро ман он вақт ягон унвони баланди варзишӣ надоштам.

Дар часпу талоши нахустин ҳис кардам, ки ҳарифам паҳлавони пурқувват аст, зеро пружина барин ҳаму рост мешуд. Бисёр кӯшиш кардам, ки боре ӯро маҳкам дошта, ба замин хобонам, аммо ҳар дафъа мисли бабри кӯҳӣ халос меҳӯрд, гӯё аз бағалам мелағҷид. Ба ҳар ҳол, ба ҷавонӣ ва бетаҷрибагиам нигоҳ накарда, ман ҳам хеле муқобилият ва истодагарӣ нишон додам. Вақти ҷудокарда ба охир расиду бо бартарии холҳо ғолибиятро ба Алӣ Алиев доданд. Ман соҳиби диплом, медали нуқра ва ҷойи дуввум шудам. Аз қувваозмоиям он қадар розӣ набудам, вале устодам Азалшоҳ Олимов ва тренерамон аз шаҳри Душанбе Тренери хизматнишондодаи СССР Асланбек Захаров дилбардорӣ карда:

- Ба ҳаминаш ҳам шукр, ҷойи дуввум баъди Алӣ Алиев ин шӯхӣ нест. Ту бояд фахр кунӣ, ки танҳо бо бартарии холҳо мағлубат сохт. Ғалабаҳои оянда дар пешанд. Вале ҳарбу зарб бо Алӣ Алиевро дер гоҳ фаромӯш намекунӣ, - гуфт вай.



Алӣ АЛИЕВ

Дар спартакиада қарор шуд, ки касе аз паҳлавонон ҷойҳои I, II ва III-ро гирифта бошад, ба шаҳри София меравад. Аз ин рӯ, командаи гӯштии тарзи озоди СССР аз ҳисоби ғолибон ташкил шуд.

Моҳе дар шаҳри Ставропол машқ карда, ба мусобиқаи байналмилалӣ тайёрӣ медидем. Як ҳафта ба мо ҷавоб доданд. Командаи гӯштигирони Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе баргашт. Ман ба зодгоҳам, ба деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон рафта, аз бепулӣ натавонистам, ки дар мусобиқаи бонуфуз, дар Булғория иштирок намоям. Баъди ин мусобиқа тренерамон Асланбек Захаров хеле афсӯс хӯрд: - Наход, роҳбарони вилоят натавонистанд, ки роҳпулии як варзишгарро пайдо кунанд?

Баъди чанд муддат дар шаҳри Душанбе тренерам маро дида, хеле сарзаниш кард:

- Ман тайёр будам, ки туро аз ҳисоби шахсиям ба ин мусобиқа барам. Охир, аз нарафтанат ҳатто Алӣ Алиев ҳам афсӯс хӯрд. Вай гуфт, ки гӯштигири бадахшонӣ дар ин мусобиқа дар ҳайати командаи яккачини гӯштигирони СССР ҳатман ғалаба мекард. Афсӯс, ки наомад….

Бо мурури солҳо Алӣ Алиев нӯҳ карат Чемпиони СССР, се карат Чемпиони Спартакиадаи умумииттифоқии халқҳои СССР, Чемпиони Аврупо, панҷ карат Чемпиони ҷаҳон, соҳиби унвони Устоди хизматнишондодаи спорти СССР ва яке аз паҳлавонони пурзӯртарини ҷаҳон гардид.

Инак, аз он қувваозмоии таърихӣ 54 сол гузашт. Ман ҳар дафъа ин ҳарбу зарбро қисса карда, ҷавониамро ба хотир меорам. Охир, на ба ҳар кас муяссар мешуд, ки бо Алӣ Алиев ба финал баромада, қувва озмояд, - гуфт дар хотимаи сӯҳбат Сангалӣ Наврӯзбеков.

Паҳлавони машҳури доғистонӣ Алӣ Алиев 7 январи соли 1995 дар синни 58-солагӣ дар шаҳри Москва вафот кард. Бобои Сангалӣ танҳо баъди даҳ сол аз вафоти ҳарифи пурзӯраш огоҳӣ ёфт ва хеле афсӯс хӯрд…

*Тиллои НЕККАДАМ, «Садои мардум»*

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНҲО ВА ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2231/1-1016 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 54 | 06.08.2012 соати 9[00] |
| 2232/1-1017 | Раёсати қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 128 | 10.08.2012 соати 9[00] |
| 2233/1-1018 | Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ барои дастгоҳҳои пармакунӣ | маҷмӯъ | 1 | 21.08.2012 соати 9[00] |
| 2234/1-1019 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мизу курсӣ барои донишҷӯён | маҷмӯъ | 100 | 10.08.2012 соати 9[30] |
| 2235/1-1020 | Раёсати қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизот, техника ва инвентар | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 10.08.2012 соати 9[50] |
| 2236/1-1021 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | тонна | 80 | 10.08.2012 соати 10[00] |
| 2237/1-1022 | Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Ангишт | тонна | 43 | 10.08.2012 соати 10[30] |
| 2238/1-1023 | Маркази миллии тавонбахшии «Чорбоғ» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагӣ | номгӯй | 22 | 10.08.2012 соати 11[00] |
| 2239/1-1024 | Маркази миллии тавонбахшии «Чорбоғ» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Хӯрока | номгӯй | 7 | 20.08.2012 соати 11[40] |
| 2240/2-649 | Шифохонаи клиникии ҷарроҳии кӯдаконаи шаҳрии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Хӯрока | номгӯй | 25 | 10.08.2012 соати 12[00] |
| 2241/2-650 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ш.Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Автошинаи 9х20(260х508)<br>Насоси сӯзишворикашӣ GR-135 | адад<br>адад | 8<br>1 | 10.08.2012 соати 13[00] |
| 2242/2-651 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди н.Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 43 | 10.08.2012 соати 10[00] |
| 2243/2-652 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 34, н.И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизот, мебел, маводи лабораторӣ барои синфхонаи физика | номгӯй | 91 | 10.08.2012 соати 11[00] |
| 2244/2-653 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сметана | кг | 660 | 10.08.2012 соати 14[00] |
| 2245/2-654 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Дарахтҳои сабз | номгӯй | 7 | 10.08.2012 соати 14[30] |
| 2246/2-655 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ш.Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62<br>Равғани дизелӣ МГ-8 | литр<br>литр | 6720<br>200 | 10.08.2012 соати 14[50] |
| 2247/3-520 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.08.2012 соати 15[00] |
| 2248/3-521 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 59, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Азнавсозии девори муҳофизатии мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 10.08.2012 соати 14[30] |
| 2249/3-522 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов | Х.Исмоилов 227-04-75 | Шинонидани панҷара ба миқдори 2072м² | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.08.2012 соати 15[20] |
| 2250/3-523 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири гузаргоҳи зеризаминӣ дар кӯчаи Айнӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 10.08.2012 соати 15[30] |
| 2251/3-524 | Пажӯҳишгоҳи илмӣ-клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои пажӯҳишгоҳ | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.08.2012 соати 16[20] |
| 2035/1-926 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизоти газӣ барои нақлиёт | Маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 10.08.2012 соати 16[30] |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда, то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда, пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди баргузории озмун иштирок намоянд.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 24 августи соли 2012 музоядаи №19-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

1. Бинои анбор ва боғи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент, нишонӣ: шаҳри Панҷакент, шаҳраки Навобод, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ;

2. Дегхонаи маҳаллаи 18, КФ «Хоҷагии манзилию коммуналии ш. Хуҷанд», Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналии ш.Хуҷанд», воқеъ дар ш. Хуҷанд, кӯчаи 50-солагии СССР, бо нархи ибтидоии 500 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда-шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефонҳо: **221-73-74, 221-16-14.** Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. **Музояда соати 10[00] баргузор мегардад.**

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: **221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ WWW.muzoyada-kvd.tj ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон WWW.GKI.TJ гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 24 августа 2012 года проводит аукцион №19 по продаже недвижимости

1. Здание склада и сад Государственного учреждения по содержанию автомобильных дорог города Пенджикента, адрес: город Пенджикент, поселок Навобод, со стартовой стоимостью 100 000 сомони;

2. Котельная в махалле 18 Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», по адресу: город Худжанд, улица 50-летие СССР, со стартовой стоимостью 500 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский.*** **Время проведения 10[00] часов**. Место проведения: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел:221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества WWW.muzoyada-kvd.tj и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан WWW.GKI.TJ

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНҲО ВА ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Харидории қолинҳо (10 дона –андозааш 3х5) ва гилеми сабз -870 м² | тибқи дархост | 21.08.2012 соати 10[00] |
| 2 | Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат | Таъмири қисмати беруни (фасади) бино | тибқи санади нуқсонӣ | 21.08.2012 соати 10[30] |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда, то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда, пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррargардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## БА ДИҚҚАТИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешниҳоди эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ мавриди амал қарор дода, хабар медиҳад, ки расмиёти пешниҳоди эъломияҳои андоз пурра автоматикунонида шуд ва андозсупорандагон метавонанд бе ташриф овардан ба мақомоти андоз эъломияҳои худро пешниҳод намоянд.

Эъломияи андозе, ки дар шакли электронӣ пешниҳод мегардад, қувваи ҳуқуқӣ дошта, бо хоҳиши андозсупоранда амалӣ карда мешавад.

Тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ имконияти сарфаи вақти корӣ ва ҳуҷҷатгузории иловагиро ихтисор менамояд.

Андозсупорандагоне, ки хоҳиши пешниҳоди эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ доранд, ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» (бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 42/2, утоқи 401) муроҷиат намуда, ҳамчун муштарӣ дар Маркази сертификатсияи калидҳои кушодаи имзои электронии рақамӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Маълумоти муфассалро оиди тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ дар сомонаҳои расмии http://andoz.tj/, http://mbma.tj/ ва ё бо телефонҳои **233-09-18, 233-08-55** дастрас намуда метавонед.

## ЭЪЛОН

ҶДММ «Восток Авиа Сервис» бо РЯМ 0110007746 аз хусуси кам кардани фонди оинномавиаш, ки 8000 (ҳашт ҳазор) сомониро ташкил медод, хабар медиҳад.

Айни ҳол фонди оинномавии ҶДММ «Восток Авиа Сервис» 4000 (чор ҳазор) сомониро ташкил мекунад.

## ЭЪЛОН

Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони зеринро ба кор даъват менамояд:

**1. Мутахассис оид ба системаи компютерӣ.**

**2. Котиба-коргузор.**

Барои гирифтани маълумот бо телефонҳои **221-73-74** ва **221-49-87** дар тамос шудан мумкин аст.






## Эътибор надорад

➢Ҳисобнома-фактура аз рӯйи ААИ ва аксизҳои силсилаи ВВ №168408, 168410, 168476, 004477, 004478-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба ҶДММ «Шомил» бо РЯМ 190003921 додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи №6Д-1676-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Марказӣ (ҳоло Фирдавсӣ)-и ш.Душанбе, бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 48/38, ҳуҷраи 41 аз 5 августи соли 2003 ба Забиров Хасан Носирович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи БП №551266-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1978 ба Муҳидинов Сироҷ Ҳоҷамуротович додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и ш.Душанбе бо суроғаи кӯчаи М.Турсунзода, бинои 10, ҳуҷраи 4 соли 2007 ба Хамидова Тамара Мамадҷоновна додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи №6Д-1962-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе, бо суроғаи кӯчаи Абай, хонаи 44/22-и ноҳияи Марказӣ (ҳоло Фирдавсӣ) ш.Душанбе 18 июли соли 2000 ба Қаюмов Сайбурҳон Набиевич додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши бино ва таҷҳизот таҳти Л.1.1/б таҳти феҳристи №9Ш-262-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, 15 марти соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳоров 23 ба ҶДММ «Конт сохтмон» додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0153509, дорои РЯМ 4030030024, РМА 405227802-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 17 январи соли 2011 ба Ятимов Саймумин Сайдалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0043070-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои ш.Душанбе 2 марти соли 2010 ба Қурбонова Ашургул додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун НТ №0052258.59-и гумшуда бо парвандаи меросии №149/4, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи деҳаи Қуштеппа, бинои 2, ҳуҷраи 19-и Ҷамоати деҳоти Россияи ноҳияи Рӯдакӣ 30 сентябри соли 2011 ба Алимовский Владимир Николаевич додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №1940-6477-6478-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи деҳаи Қуштеппа, бинои 2, ҳуҷраи 19-и Ҷамоати деҳоти Россияи ноҳияи Рӯдакӣ соли 2011 ба Алимовский Владимир Николаевич додааст, эътибор надорад.

➢ Патенти рақами 0148960-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 23 сентябри соли 2011 ба Бозорова Ашурмо додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи АВ №55476-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1998 ба Ғоибова Гулрухсор додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

➢Шаҳрванд Абдулҳақов Баҳром Саидмуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0049373 бо РЯМ 1230015710 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 10 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Одинаев Бахтиёр Мададович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0144592 бо РЯМ 1230051928 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 29 июни соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Амонулло-41» дорои РЯМ 1210001623, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 1 августи соли 2012, соати 12.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха

Навбатдори шумора Мирзо Бобокалонов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова